**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Исбот яке аз институтҳои муҳимми мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Муҳиммият ва аҳаммияти институти исбот баъд аз қабул гардидани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (3 декабри соли 2009), хусусан солҳои охир дар сатҳи илмӣ ва ҳам амалӣ эҳсос мешавад. Зеро дар сатҳи қонунгузорӣ қариб тамоми институтҳои мурофиаи ҷиноятӣ такмил ёфтанд. Дар ҳошияи такмилёбии институтҳо муҳақиқ масъалаҳоеро мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар шароити кунунӣ бениҳоят таъсирбахш аст. Яке аз ин масъалаҳо ин ба таври дахлдор баҳо надодани далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятии ҷамъовардашуда аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, бахусус суд, судя ба шумор меравад.

Оид ба масъалаи баҳодиҳии далелҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеъбинона чунин қайд менамоянд: «Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои бекор шудани санадҳои судӣ, пеш аз ҳама, аз он иборатанд, ки судяҳо дар вақти баррасии парванда беаҳаммиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд, ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд ва дар баробари ин, норасоии дониши касбӣ ва таҷриба, дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани ғараз нисбат ба парванда боиси татбиқи нодурусти қонунҳо ва дар охир қабули санадҳои ғайриқонунӣ мегардад».

Воқеан, дар доираи талаботи муқаррарнамудаи қонун баҳо надодани далелҳои мавҷуда вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ боиси оқибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ мегарданд. Аз ҷумла, беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ғ.

Аз лиҳози назариявӣ-илмӣ низ мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ мубрам арзёбӣ мешавад. Зеро дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта як зумра категорияҳо, зуҳуротҳо ва қонуниятҳо дар бахши исботкунӣ, хусусан муайян кардани мафҳум ва таърифи исботкунӣ, муайян кардани мавқеи субъектони исботкунӣ дар заминаи қабул шудани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, табиати ҳуқуқии унсурҳои исботкунӣ ва ғ. мавриди омӯзиш қарор гирифта, раҳёфтҳои ба мақсад мувофиқ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи асосҳои ишорагардида аз мубрам будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии рисолаи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нуктаҳои илмии ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Дар маҷмуъ аз ҷониби муҳаққиқ дар доираи таҳқиқоти илмӣ 17 пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ, амалӣ ва бо мақсади такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии манзур шудаанд, ки бо мурури пешрафти низоми қонунгузорӣ ва пешрафти ҷомеа ва давлат ин иқдомҳо айни муддао дониста мешаванд.

Муҳаққиқ дар яке аз номгӯи пешниҳодҳои худ изҳор менамояд, ки амалҳои тафтишӣ – ягона воситаи ҷамъоварии далелҳо нестанд. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин хотир, диссертант зарур мешуморад ки қ.1 м.86 КМҶ ҶТ дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад». Муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки зери ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ инҳо фаҳмида мешаванд: а) талаб намудани предмет ё ҳуҷҷатҳо; б) гирифтани предмет ё ҳуҷҷатҳо; в) гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва ревизия.

Ҳамчунин, муаллиф қайд мекунад, ки дар заминаи таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи тафтиши далелҳо раванди тафтиши далелҳо аз фаъолияти якҷояи амалӣ ва равонӣ ё худ ақлонӣ иборат мебошад, ки субъектони дорои ухдадории исботкунӣ дар доираи он бештар усули индуктивӣ, дедуктивӣ ва таҳлилро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Таҳлил ва омӯзиши эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби муҳаққиқ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳӣ далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф зарур мешуморад, ки ба боби 2 КМҶ (принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи алоҳида бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад». Дар баробари ин, муаллиф нуктаҳои дигари илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳод намудааст, ки воқеан нуктаҳои арзишманд ба ҳисоб мераванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи илмӣ дар асоси маҷмуи омилҳое муайян карда мешавад, ки эътимоднокии хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ба даст овардашударо таъмин менамояд. Таҳқиқоти илмӣ ба назарияҳо ва мафҳумҳои мавҷуда асос ёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, муҳаққиқ аз ҳангоми навиштани рисола аз усулҳое ба монанди диалектика, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва ғ. истифода намудааст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада гувоҳӣ аз он медиҳад. Эътимоднокии натиҷаи илмӣ тавассути маълумотҳои эмпирикӣ, ки муҳаққиқ дар рафти омода намудани рисола рӯйи кор овардааст, тасдиқ карда мешавад.

Аз таҳлили рисолаи илмӣ маълум мегардад, ки асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои амалия ва омори Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2017-2023 ташкил медиҳанд.

Гузашта аз ин, ҷиҳати мақсаднок ба роҳ мондани таҳқиқот муаллиф як қатор вазифаҳоро ба миён гузоштааст:

1) асосноккунии назариявии категорияи «исбот дар мурофиаи судии ҷиноятӣ»;
2) таҳлили сохторӣ ва мазмунии хусусиятҳои мавзуи (предмети) исбот;
3) муқаррар намудани таърифи муаллифонаи категорияи «субъекти исботкунӣ» ва таснифоти онҳо;
4) дар заминаи такмилёбии меъёрҳои диспозитивӣ муайян намудани мақоми суд дар раванди исбот;
5) муайян намудани ҷанбаи мафҳум ва мухтавои категорияи «ҷамъоварии далелҳо» ва ошкор намудани хусусиятҳои асосии он;
6) дар асоси муқаррароти КМҶ ҶТ омӯзиши воситаҳои тафтиши далелҳо;
7) таҳлил ва муайян намудани табиати ҳуқуқии баҳодиҳии далелҳо ва маҳакҳои он тибқи КМҶ ҶТ.

Суханони болозикр асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешбинишударо тасдиқ менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки саҳми он дар рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, бахусус падидаи исботкунӣ аз лиҳози васеъ ва амиқ намудани донишҳои назариявӣ бешубҳа бузург аст. Натиҷаҳои дар рисола ба даст овардашуда метавонанд минбаъд мавриди омузиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гиранд ва замина барои дигар корҳои илмию таҳқиқотии дар ин самт замина муҳаё созанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар ҳаллу фасли вазифаҳо ва мушкилоти амалӣ, ки дар бахши далел ва исботкунӣ ба вуқӯъ омадаанд, ифода меёбад. Диссертатсия дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» метавонад ба рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, такмил додани раванди тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ таъсири мусбати мустақим расонад.

Таҳқиқоти анҷомёфта метавонад мустакиман ба равандҳои иқтисодӣ дар бахшҳои гуногун, ба монанди андозсупорӣ, мубориза бо қаллобӣ, ҳимояи моликияти зеҳнӣ ва ғ. таъсир расонад. Қабул гардидани қарорҳои қобили мулоҳиза боиси коҳиш ёфтани талафотҳои иқтисодӣ дар мавриди тафтишот ё мурофиаҳои тулонӣ мегарданд. Аз ин рӯ, муаллиф якчанд ҳолатҳоеро ишора намудааст, ки барои қабул гардидани қарорҳои мурофиавии қонунӣ ва асоснок замина мегарданд (саҳифаи 138-и диссертатсия).

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми иҷтимоии диссертатсия дар таъсири низоми ҳуқуқии кишвар, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад, таҷассум мегардад. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки яке аз таъинотҳои аслии мурофиаи ҷиноятӣ ин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон ва ташкилотҳое, ки аз ҷиноят зарар дидаанд (ҷабрдида, даъвогари граждании) ба ҳисоб меравад (саҳифаи 20-и диссертатсия).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳаққиқ оид ба мавзуи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президент-и ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар рисола баъзе масъалаҳои мубоҳисавӣ ба мушоҳида мерасанд, ба монанди:

1. Дар зербоби дуюми боби якум, ки «Предмети (мавзуи) исботкунӣ» номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ бо вуҷуди васеъ таҳлил намудани он баъзе аз ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, дар шакли маҳдуд рӯйи кор овардааст. Яъне, сухан атрофи «ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд», «ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гарданд» ва «ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунанд». Хуб мешуд, агар муҳаққиқ ба ин масъалаҳо бештар таваҷҷӯҳ мекард.

2. Муҳаққиқ дар пешниҳоди №3, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидааст, изҳор менамояд, ки ҳуқуқи гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби ҳимоятгар то андозае тавозуни тарафҳоро (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дар мурофиаи судии ҷиноятӣ нигоҳ медорад. Бинобар ин, дар КМҶ ҶТ дар баробари дигар ҳуқуқҳо – ҳуқуқи мусоҳиба ба шарти ризоияти худи шахс муқаррароте пешбинӣ карда шавад. Хуб мешуд агар, муҳаққиқ ин нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшавандаро асоснок менамуд.

3. Муаллифи диссертатсия дар рисола қайд менамояд, ки ҳангоми ба амал баровардани тафтиши пешакӣ муфаттиш мустақилона ба рафти тафтиш роҳбарӣ мекунад, оид ба амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ қарор қабул мекунад,

ба истиснои ҳолатҳое, ки барои гузаронидани он гирифтани розигии прокурор ё иҷозати суд зарур аст. Аммо, мустақилияти муфаттиш алҳол мутобиқи КМҶ ҶТ нисбӣ аст. Савол ба миён меояд, ки аз рӯйи кадом нишондод мустақилияти муфаттиш мутобиқи КМҶ ҶТ нисбӣ аст? Масъалаи мазкур асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Эродҳое, ки дар тақризи мазкур ишора гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, диссертатсия иқтидори баланд ва таҳлили амиқро нишон медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

Рисолаи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Сохтори рисола мантиқан дуруст тартиб дода шуда, дақиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ба таври дахлдор асоснок гардидаанд, ки аз таҳлили амиқи кор дарак медиҳад. Усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда имкон доданд, ки вазифаҳои манзуршуда тибқи талабот иҷро гарданд.

**Қисмати хотимавӣ.** Бояд таъкид намуд, ки диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона таҳия шудааст. Рисола собит менамояд, ки муаллиф фаҳмиши амиқи мавзуи интихобшуда, сатҳи баланди омодагии назариявӣ ва методологӣ, инчунин қобилияти анҷом додани таҳқиқоти мукаммалро доро аст. Таҳқиқоти мазкур проблемаҳои мубрами падидаи исботкуниро дар шароити ҳозира дар бар мегирад ва роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта аҳаммияти назариявӣ ва ҳам аҳаммияти

амалӣ доранд. Ҳамзамон, дастовардҳои дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда метавонанд зимни омода ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои гуногуни давлатӣ истифода шаванд. Дар робита ба ин, рисола сазовори баҳои мусбат буда, мумкин аст барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Ниҳоят, диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки тақризи мазкур ба назари эътибор гирифтани бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии
коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қобилов Б.Қ.

**Имзои Қобилов Б.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

02.12.2024

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (734025, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1, Тел.: +992 (3422) 2-38-11, Факс:+992 (3422) 2-51-70, Email: Info@tsulbp.tj, htpp://www.tsulbp.tj.